*«Тасдиқ мекунам»:*
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ доктори илми филология, профессор
_______ Шарифзода Ф.Х.
29 майи соли 2023

**Тақризи**

***муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 171 с.***

***Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм***

Диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Дар адабиётшиносии тоҷик дар чанд соли охир ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи таърихи тарҷумаи бадеӣ ва пажуҳиши фаъолияти аввалин тарҷумонҳои тоҷик диққати махсус дода мешавад. Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Боронов У.Х. ба мавзуи актуалии адабиёти муосири тоҷик бахшида шуда, диссертант дар раванди пажӯҳиш ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст ва дар атрофи масоили алоҳидаи рӯзгор ва фаъолияти адабию тарҷумонии Ҳасан Ирфон масъалаҳоеро таҳқиқу ошкор кардааст, ки то кунун ношинохта буданд. Бо вуҷуди он, дар ин самти таҳқиқ то ба ҳол ҷанбаҳои омӯхтанашудае мавҷуданд, ки интизори пажуҳиш мебошанд. Мавриди таҳқиқ қарор гирифтани фаъолияти адабию тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар зумраи мавзуҳои камомухташуда ба шумор меравад, аз ин ҷиҳат метавон мавзуи интихобнамудаи Боронов Умедҷон Хуҷамуродовичро мубрам ва муҳим ба шумор овард.

***Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.*** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳамияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари унвонҷӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои муайян намудани ҷараёни ташаккули фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон замина фароҳам овардааст.

Аҳамияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки ба омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян кардани ҷараёни ташаккули фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон бар мабнои осори насрии ӯ ҳамчун мутарҷими насли аввал дар адабиёти навини тоҷикӣ муносибат сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, диссертант кӯшиш шудааст, ки ҷараёни ташаккули фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар марҳалаҳои гуногун ва сабабҳои он инъикос гардад.

Таҳқиқи мавзуи мазкур дар адабиётшиносӣ барои анҷоми пажуҳишҳои ҳамгун дар мисоли дигар мутарҷимон мусоидат менамояд. Дар раванди ташаккул ва таҳаввули тарҷумаи бадеӣ нақши шахсиятҳои ҷудогона бузург буда, маҳз ба василаи хидматҳои эшон тарҷума ҳамчун ҷузъи муҳимми адабу фарҳанг дар ҷомеаи тоҷикон ҷойгоҳи шоиста касб кардааст. Бинобар ин, Ҳасан Ирфон дар матни ин воқеияти таърихиву фарҳангӣ қарор гирифта, яке аз поягузорони тарҷумаи бадеӣ эътироф гардидааст.

Ҳадафи асосии пажуҳиш, пеш аз ҳама, таҳқиқи ҳунари нависандагӣ ва маҳорати тарҷумонии Ҳасан Ирфон ва нақшу таъсири ӯ дар таҳаввули ҳунари тарҷумонӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки аз солҳои 30-юми асри XX то охири ҳаёташ Ҳасан Ирфон осори бадеии адабиёти ҷаҳонро ба тоҷикӣ тарҷума карда, дар шаклгирии равишҳо, усулҳои тарҷума ва назарияи он ҳиссаи сазовор гузоштааст.

***Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.*** Диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович кори таҳқиқии анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархӯрдор мебошад. ***Навгонии илмии*** ин кори таҳқиқӣ дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал ба мавзуи фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон таваҷҷуҳ карда, нақши ӯро дар ташаккули ҳунари тарҷумаи бадеӣ муайян кардааст. Тарҷумаи бадеӣ дар солҳои 30-юми асри XX ба василаи хидматҳои аввалин мутарҷимон, ки Ҳасан Ирфон низ дар ин саф қарор дошт, ба инкишофи адабиёти миллӣ, бахусус, таҳаввули насри нави тоҷикӣ мусоидат кардааст.

***Аҳамияти назарию амалии диссертатси*** дар он зоҳир меёбанд, ки бори аввал фаъолияти адабию тарҷумонӣ, хусусиятҳо ва усулҳои тарҷумаи Ҳасан Ирфон ва саҳми аввалин мутарҷимони тоҷик дар ташаккули насри навини тоҷик мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Илова бар ин, матолиби рисоларо метавон дар шаклгирии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба фаъолияти тарҷумонӣ, инчунин, дар таҳқиқи маҳорати нависандагию тарҷумонии дигар чеҳраҳои адабии адабиёти муосир истифода намуд.

Диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович аз муқаддима, се бобу ҳафт фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия (С. 3-12) мубрамӣ ва зарурати мавзуи таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашма, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ,

аҳамияти назариву амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён гардидааст.

Боби аввали диссертатсия – «***Зиндагинома ва осори Ҳасан Ирфон***» (С. 13-38), аз се фасл фароҳам омада, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар бораи зиндагӣ ва фаъолиятҳои нависандагию тарҷумонии Ҳасан Ирфон бо такя ба манбаъҳои муътамад маълумоти зарурӣ фароҳам оварад.

Диссертант нахуст доир ба рӯзгор, зодгоҳ, хонавода, баромади иҷтимоӣ ва сабаби рӯ овардани Ҳасан Ирфон ба фаъолияти нависандагӣ ва тарҷумонии ӯ маълумот дода, ҳамзамон авзои иҷтимоию фарҳангии даврони зиндагии нависандаро ба тасвир кашидааст (С.13-17). Дар рисола зиндагиномаи Ҳасан Ирфон умдатан бар асоси китобҳо, роману повест ва ёддоштҳои худи нависанда барқарор гардида, воқеияти рӯзгори сахту пурмоҷарои Ҳасан Ирфон бар ҳамин усул асоснок гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия – ***«Саҳми Ҳасан Ирфон дар инкишофи насри тоҷикӣ»*** *(*С.39-) аз ду фасл иборат буда, диссертант дар боби мазкур хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва вижагиҳои жанрию бадеии осори адибро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст.

Дар ин боб диссертант ба мавзуи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеии нависанда таваҷҷуҳ намуда, вижагиҳо ва маҳорати нависандагии адибро мушаххас менамояд. Ӯ бо таҳлили повестҳои «Ду ёр аз ду диёр», «Духтари Алҷазоир» ва романи «Дар кулбаи косибон»-и нависанда хусусиятҳои хоси насри Ҳасан Ирфонро муайян намудааст. Таваҷҷуҳи устодон С. Айнӣ ва С. Улуғзода ба фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон аз мавқеи устувори нависанда ҳангоми нигориши осори адабӣ далолат мекунад. Романи «Дар кулбаи косибон» дар пайравии «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ва «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзода иншо шуда, нахустин роман дар жанри тарҷумаи ҳоли бадеӣ ба шумор меравад. Сарфи назар аз эродоте, ки ба ин роман ворид шудааст, С. Улуғзода аз мавқеи муаллиф ва муҳтавои романи мазкур ҳимоят карда, онро як асари «оригиналӣ» ва дорои «қимати санадӣ-ҳуҷҷатӣ» арзёбӣ кардааст.

Диссертант дуруст қайд кардааст, ки «ҳадафи Ҳасан Ирфон аз таълифи ин роман фақат баёни саргузашти худаш набудааст. Ҳадафи нависанда аз руҷуъ ба сарнавишти худ нишон додани вазъи зиндагӣ ва аҳволу афкори табақоти мухталифи ҷомеаи он рӯзгор ва таҳқиқу тасвири равандҳои асосии сиёсиву иҷтимоии он замон будааст» (С. 49).

Боби сеюми диссертатсия «***Нақш ва ҷойгоҳи тарҷумаи бадеӣ дар эҷодиёти Ҳасан Ирфон***» (С. 71-152) фарогири ду фасл буда, диссертант дар боби мазкур масъалаи тарҷумаи осори адибони ҷаҳон ба қалами Ҳасан Ирфон ва вижагиҳои ҳунари тарҷумонии ӯро таҳлилу арзёбӣ кардааст.

Нахустин таҷрибаи тарҷумонии Ҳасан Ирфон аз давраи ҳамкориҳои адиб бо маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва рӯзномаи «Овози тоҷик» оғоз гардида, дар ибтидо ба тарҷумаи мақолаву гузоришҳои сиёсию публисистӣ машғул будааст. Аввалин таҷрибаи кории тарҷумонии Ҳасан Ирфон бо

тарҷумаи повестҳои «Бачагӣ», «Дар байни мардум» ва «Университетҳои ман»-и Максим Горкий оғоз гардида, ин тарҷумаҳо мавриди писанди устод Айнӣ қарор гирифтааст. Ба ҳамин тартиб, баъд аз солҳои 30-ум роҳи Ҳасан Ирфон барои тарҷумаи осори адабии нависандагони барҷастаи ҷаҳонӣ ба забони тоҷикӣ боз мешавад ва ӯ дар идома осори М. Горкий, Даниел Дефо, Б. Полевой, Н. Рибак, И. Франко, Н. Чернишевский, Р. Ҷованолӣ, Г. Севунс, С. Бородин ва дигаронро ба забони тоҷикӣ тарҷума карда, мавқеи худро дар ин соҳа устувор мегардонад.

Диссертант дар идомаи ин боб ба масъалаи танқиду эродоти мунаққидон нисбат ба тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон пардохта, мушкилоти замон ва ҳақиқату воқеияти ин нақдҳоро мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааст.

Дар рисола омадааст: «Ҳасан Ирфон мисли Сотим Улуғзода назарашро оид ба ин ё он асари тарҷумакардааш баён накардааст. Фақат дар мақолаи «Ба назари ман» доир ба баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии тарҷумаи бадеӣ ба тариқи мухтасар андешаҳояшро баён кардааст» (С. 76).

Диссертант дуруст мушоҳида кардааст, ки дар даҳаи 30-ум тарҷумаи осори адибони бузурги ҷаҳонӣ ба забони тоҷикӣ бисёр андак буд ва Ҳасан Ирфон бо такя ба маҳорати забондонӣ ва ҳунари нависандагии хеш ин холигоҳро дар замони худ моҳирона пур намуда, хонандагони тоҷикро бо намунаи осори адабиёти ҷаҳонӣ ошно кардааст.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Боронов У.Х. таҳқиқоти анҷомёфта ва дорои арзиши илмӣ ҳисоб ёфта, навоварияш дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои мубрами насли аввали мутарҷимони тоҷик, мушкилоти тарҷумаи бадеӣ ва хусусиятҳои хоси ҳунари тарҷумонии Ҳасани Ирфонро бо далелу санад мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаҳои тадқиқ ҷамъбаст шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо мухтасару мушаххас баён гардидаанд.

Дар баробари комёбиҳои фаровон дар диссертатсияи мавриди назар дар ҳолатҳои алоҳида ғалатҳо ва нуктаҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд, ки ба назари мо, ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси болоравии ҳусни таҳқиқоти мазкур хоҳад шуд:

1. Рисола кори илмиест, ки дар он муаллиф як масъалаи мушаххасро таҳқиқ намуда, фарзияи худро ба миён мегузорад ва кӯшиш мекунад онро исбот ё инкор кунад. Яке аз бахшҳои муҳимми қисми муқаддимавии ҳар як рисола «дараҷаи омӯзиши мавзуъ» мебошад. Ин мухтасари он асарҳое мебошад, ки асоси таҳқиқро ташкил медиҳанд, ки постулатҳояшон ҳангоми навиштани рисола «асос» гардидаанд, дар ҳақиқат, дар асоси «дараҷаи омӯзиши мавзуъ» диссертант мувофиқ будани як асарро тасдиқ мекунад. Ҳангоми тартиб додани ин бахш хеле муҳим аст, ки рӯйхати олимон аз рӯи гурӯҳҳо, яъне асарҳои мутахассисони давраи пештара, баъд муаллифони мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои ҳозиразамон, баъд аз он — асарҳои олимони хориҷӣ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо карда шаванд.

Мутаассифона, дар ин рисола баррасии илмии адабиёт аз ҷониби олимони муосир, ки дар солҳои охир ба мушкилоти тарҷумаи бадеӣ

таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд, сурат нагирифтааст, бинобар ин дар рисола раванди ҷустуҷӯ ва таҳлили сарчашмаҳои маълумот дар доираи маҳдудтаре сурат гирифтааст.

Аҳамияти илмии рисола дар он сурат хеле меафзояд, ки муаллиф дар ин бахш асарҳои мактаби адабии тарҷума, аз ҷумла М. Алексеев, Г.Р. Гачечиладзе, И. Кашкин, К.И. Чуковский, инчунин дастовардҳои адабиётшиносии тоҷик Ҳ.Аҳрорӣ, Р.Ҳошим, А.Деҳотӣ, А.Сайфуллоев, Ҳ.Шарифов, Ҳ.Шодиқулов, З.Муллоҷонова, А.Сатторзода, А. А.Набавӣ, М.Хоҷаева, А.Абдусатторов, А.Абдуманнонов, А.Аминов, А.Самадовро дар ин самт нишон дода, ба монографияи «Поэтикаи тарҷумаҳои Сотим Улуғзод»-и Ҷ. Мурувватиён (2021), ки ба масъалаҳои тарҷума бахшида шудааст, ишора мекард.

2. Диссертант маҳорати Ҳасан Ирфонро ҳамчун тарҷумон дар нигоҳ доштани хусусиятҳои асолати матн, дар муколама баён кардани услуби фардии муаллиф борҳо қайд мекунад, вале дар рисола, мутаассифона, масъалаҳои муҳими тарҷума, бахусус, ба усулҳои техникии табдил додани унсурҳои матни ибтидоӣ — трансформатсияҳои тарҷумавӣ, ки бе онҳо ба муваффақияти тарҷума ноил шудан мумкин нест, диққати камтар додааст.

Дар раванди тарҷума аксар вақт мувофиқати калимаву ибораҳоеро, ки луғат медиҳад, истифода бурдан ғайриимкон аст. Дар чунин ҳолатҳо тарҷумон ба тарҷумаи трансформатсионӣ муроҷиат мекунад, ки он аз табдил додани шакли дохилии калима ё ибора ё ивази пурраи он бо мақсади ба таври лозимӣ расонидани мазмуни баён иборат аст. Муваффақ шудан ба мувофиқат дар тарҷума бо қобилияти босалоҳият анҷом додани таҳаввулоти зарурии тарҷума алоқаманд аст ва ба андешаи мо дар рисолаи мазкур ҷудо кардани як бахши алоҳида таҳти унвони «Хусусиятҳои табдили тарҷума дар тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон» бамаврид мебуд.

3. Дар диссертатсия баъзан такрори фикр ва ҷумлаҳои якхела (С. 79; 80; 84;106;111;135;138) ба мушоҳида мерасад, ки тасҳеҳи онҳо ҳусни матлабро хоҳанд афзуд.

4. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расиданд.

Эродҳои фавқуззикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши пажуҳиши мазкурро паст намегардонанд.

Мазмуни диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович таҳти унвони «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» бо автореферати он, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудааст, инчунин мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дохилшаванда мувофиқ буда, муҳтавои тадқиқотро пурра инъикос мекунанд.

***Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ*** бо он собит мешавад, ки ӯ мутахассиси соҳаи адабиётшиносӣ буда, диссертатсия бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф комилан мувофиқ аст. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои

таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёти тоҷик, равобити адабӣ таъйин шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович бо номи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31–35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267-ум тасдиқ шудааст, инчунин ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси васеи шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ бо иштироки диссертант Боронов Умедҷон Хуҷамуродович баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 10 нафар устодон иштирок намуда, 10 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10 нафар, «бетараф» – нест, «муқобил» – нест.

Протоколи № 5 аз 29.05. 2023.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илми филология, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа

**Эксперт:**
Доктори илми филология, сарходими шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Мурувватиён Ҷамила Ҷамол

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Шарифзода Лутфулло Абдулло

**Имзоҳои Забеҳулло Б.С., Мурувватиён Ҷ.Ҷ., ва Шарифзода Л.А.-ро тасдиқ менамоям:**
Нозири калони кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ — Нарзиқулова Ҳилола

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,
Тел.: (+992 37) 227 29 07;
Факс: (992) 37227 11 70;
E-mail: iza_rudaki17@mail.com

«29» майи соли 2023